**Перомуни ҳаҷв ва ҳаҷвнигорӣ дар адабиёти муосири дарӣ**

Адабиёти муосири дарӣ, ки мероси гаронбаҳое аз бузургони гузаштаи хеш дар ганҷина ва суннатҳои дурахшони дерини адабӣ дар ҳофиза дорад, тайи беш аз сад соли таърихи навини хеш, бо таъсирпазирӣ аз дастовардҳои адабиёти милали мухталифи ҷаҳон, аз ҷумла кишварҳои ҳамзабон ва ҳамсоя таҷрибаҳои зиёди амалӣ ва назариявӣ андӯхта аст. Ин бозёфту дастовардҳои нави адабӣ аз ҳамон ибтидо мавриди ташвиқу ҳимояти адибони кишвар қарор гирифтанд ва бо мурури замон ва зуҳури намунаҳои арзанда таваҷҷуҳи ховаршиносони Ғарбро низ ба худ ҷалб намуданд, то ҷое, ки дар шарқшиносии асри XX ба тадриҷ риштаи наве бо номи “афғоншиносӣ” (афғонистоншиносӣ) боз гардид.

Албатта набояд тасаввур кард, ки ҳама шохаҳои ин адабиёт аз оғоз ва дар ҳама давраҳо яксон пешрафта ва яксон омӯхта ва муаррифӣ шудаанд.

Масалан дар боби ҳазлу ҳаҷвиёт ва шӯхтабъӣ, ки сарнавишти он дар адабиёти классикӣ бо шуҳрат ва ҳамзамон мухолифату айбгириҳо печидааст, адабшиносони кишвар, зоҳиран ба далели беравнақӣ ва набудани осори ҷолибу қобили муаррифӣ солҳои тӯлонӣ хомӯш монда ва ба таври куллӣ ба ҷуз аз ишороти умумӣ дар хусуси баъзе ашъори шоирони латифтабъ таҳқиқоти махсусу мустақиле сурат нагирифта буд. Танҳо аз ибтидои солҳои 80 – уми асри гузашта ба ин тараф, бо афзоиши нисбии шуҳрати ин адабиёт дар матбуоту радио ва театру телевизион ва ҷамъ омадани навиштаҳои қобили таваҷҷуҳ, аҳли таҳқиқ ва шоирону адибони донишманд чун Восифи Бохтарӣ, Асадулло Ҳабиб, Раҳнаварди Зарёб, Партави Нодирӣ Ҷалоли Нуронӣ

ва дигарон ба омӯзиши ин мавзуъ ҷиддитар машғул шуда ва илова бар мақолоти арзишманд, баъзе аз онҳо худ низ гоҳ – гоҳ дар ин арса қувваозмоӣ карданд.

Аммо бо шиддат гирифтани бухроноти сиёсӣ – низомӣ ва ҷангҳои дохилии охири асри XX адибони кишвар низ мисли шоиру нависандагон ба кишварҳои гуногун кӯч баста дар диёри ғурбат, бо ҳама камбуди маводу манобеъ, тайи тақрибан даҳ соли асри нав (XXI) корҳои зерини худро ба чоп расондаанд:

Абдуғафор Орзу "Сиёҳи сапедандарун" (Теҳрон, 2001), Муҳаммад Козими Оҳанг "Танзу дастовардҳои журналистӣ" (Кобул,2002), Шоҳалӣ Акбари Шаҳристонӣ "Ҳаҷв дар адабиёти забони дарӣ" (Деҳлӣ, 2001), Партави Нодирӣ "Пешдаромаде бар танзнависии дарии Афғонистон" (Пешовар, 2002). Манижа Бохтарӣ "Ангубини нешханд ва шаранги нӯшханд" (Ҷусторе дар боби танзпардозӣ дар паҳнаи адабиёти забони форсии дарии Афғонистон), (Кобул, 2009).

Илова бар ин, бо оромиши нисбии авзои кишвар дар оғози асри нави XXI осори чанде аз танзпардозони кишвар чун Эҳсонуллоҳ Салом "Фардо ҷаласа дорем" (Кобул, 2002), Шафақи Паём "Ҷаноза" (Кобул, 2002), Абдулқодир Раҳимӣ "Кортаи вузаро", (Кобул, 2006) ва Муҳаммади Навобӣ "Машқи демукросӣ" (Кобул, 2007) аз чоп баромаданд.

Вале ин осор ва рисолаҳои илмӣ, бо васфи албатта арзиши илмӣ ва хидматҳои қобили қадри нависандагон, ҳама ба теъдоди кам дар кишварҳои гуногун чоп шуда ва табиист, ки ба дасти ҳама пажӯҳишгарони ин адабиёт нарасидаанд.

Дар афғонистоншиносии мо, бо вуҷуди анъаноти илмии беш аз 70 – сола ва пажӯҳишгарони варзида, ба истисноии мақолот ва рисолаи Ҳокими Бохтарӣ (Қурбонов) дар бораи шоири ҳаҷвсарои маъруф Хоҷӣ Исмоили Сиёҳ (“Озодаи Ҳиравӣ, Кобул, 2010) кори махсусе, асосан ба далели камбуди маводу маълумот, сурат нагирифта ва намунаҳое аз ингуна осор ба хонандагони тоҷик пешниҳод нашудааст.

Навиштае, ки инак пешниҳод мешавад, сайре кутоҳест дар таърихчаи ҳаҷву ҳаҷвнигорӣ дар адабиёти муосири дарӣ.

Чунон ки медонем, асрҳои XVI ба баъд дар таърихи сиёсӣ ва иҷтимоии Хуросону Мовароуннаҳр тағйиру таҳаввулоти ҷиддӣ рӯй дод. Пас аз ҷангу хунрезиҳои фаровони тӯлонӣ миёни қабилаҳои салтанатталаби навтаърих дар қаламрави паҳновари ин забону адабиёт давлатҳои хурду бузурге по ба арсаи таърихи сиёсии минтақа гузоштанд.

Дар натиҷа дар заминаи мероси ягонаи адабӣ се адабиёти аз ибтидои асри XX машҳур бо номҳои форсӣ, дарӣ, тоҷикӣ таърихи наву мустақили худро оғоз намуданд.

Таърихи давлати дурронии Афғонистон, ки дар сарзамини Хуросонзамин бо дасту шамшери Аҳмадшоҳи Абдолӣ (Дурронӣ) бунёд гардид (1747), давраи азамати он дар лашкаркашии муассиси он ба Ҳинд ва баъди сари ӯ (1773) дар ҷанги миёни ворисонаш гузашт ва тақрибан як асри дигари он дар задухӯрдҳои хунин миёни писарони Аҳмадшоҳ ва фарзандони шахси дуюми давлатӣ Дурронӣ- Ҳоҷӣ Ҷамолхони бориказоӣ сипарӣ шуд.

Ин ҷангҳои бетанафус он қадар тӯлонӣ ва дардовар буданд, ки кишвар фурсати ороме барои рушду тараққӣ, ҳадди ақал дар сатҳи

ҳамсоягони худ наёфт ва вақфае ҳам барои пешрафти донишу саводи умумӣ ва ривоҷи шеъру адаб эҷод нашуд.

Аз иқдомоти фарҳангии амир Шералихон (1868-1879) нашри нахустин рӯзномаи Афғонистон бо номи “Шамс-ул-наҳор” дар таърихи журнализми кишвар боқӣ монд.

Ҷонишини ӯ амир Абдураҳмонхон (1880-1901), ки мегӯянд марди мустаъбиде будааст, “мадрасае бино накард” ва ба қавли доктор Абдулҳай Ҳабибӣ давраи ӯ “аз назари фикрӣ ва фарҳангӣ асри маймуне набуд... ва василае барои бедории мардум ва парвариши фикрӣ фароҳам наомад”.

Ин асрҳои тӯлонии тақсимоти обу хок ва фарҳангу адаб аз давраҳои нохуби адабиёти дарӣ ба шумор рафта ва дар осори донишмандон бо номи асрҳои “завол, футур ва инҳитот”-и адабӣ ёд мешавад.

Бинобар ин Афғонистон дар ибтидои асри XX аз ҷиҳати сиёсӣ-иқтисодӣ ва иҷтимоӣ кишваре буд, ақибмондаи зироатии вобаста ба Англия ва адабӣ дарӣ адабиёте буд ғарқ дар укёнуси шеъру адаби гузашта ва дабистони Бедил ки аз фарҳангу тамаддуни дунёи нав ҳанӯз чизи муҳимме ёд нагирифта буд.

Бо васфи чунин авзои тираи малоловари таърихӣ шоирон ва шеърдӯстони ин диёр аз сухан гуфтан боз намонданд ва дар миёни осори суханварони ин давра (1750-1901), ки теъдодашон 300[3]-363[4] нафар тахмин шудааст, албата баъзе шеърҳои интиқодӣ ва ҳаҷвӣ метавон пайдо кард.

Масалан аз Оишаи Дурронӣ: (а. XVIII):

Бибизанон музтару ҳайрон шуданд,

Мочахарон силсилаҷунбон шуданд.

Ҳуҷланишинони ҳарими ҳиҷоб,

Ҳамнафаси ғӯли биёбон шуданд.

Қанду қурут он ки намекард фарқ,

Маслиҳатомезу сухандон шуданд.

Аз Муҳаммадалӣ Шарар: (а. XVIII):

Дорам забони пургилаву чашми ашкбор,

Аз дасти ин ҷамоату в-аз халқи ин диёр...

Ҳар як мусовии ду саг мехӯранд нон,

Ҳар як баробари ду-се хар мебаранд бор...

Аммо заволу инҳитоти умумие, ки дар сарзамини ин адабиёт тайи ду-се қарн ба сахтӣ ҳукумат кард, аз ҳама анвои дигари адабӣ шохаи зарифи ҳаҷвнигорӣ зарари бештар дид. Дар натиҷа, вақте ки адабиёти дарӣ вориди марҳилаи нави инкишофи худ гардид (1901) ҳаҷвсароӣ дар кунҷи маҳфилҳои унс ва суҳбату муҳовираҳои гарми мардумӣ хазида, бозору минбари адабие надошт. Аз ин рӯ пажӯҳишгарони адабиёти дарӣ аз ин асрҳои камҳосил девону осори хаттие аз ҳазлу ҳаҷвиёт ва ё ҳаҷвсарои номдоре пайдо накардаанд.

Бо марги амир Абдураҳмонхон (1901) ва ба аморат расидани писараш Ҳабибуллохон (ҳук. 1901-1919) як фасли сарди адабӣ ба поён расид. Амири ҷавон дар ибтидои салтанат даст ба як силсила ислоҳоти иҷтимоӣ ва фарҳангӣ зад.

Яке аз иқдомоти муҳимми фарҳангии ин давра таъсиси нахустин рӯзномаи асрии Афғонистон “Сироҷ- ул- ахбор”, махсусан нашри дубораи он (октябри 1911) бо сардабирии шахсияти намоёни адабӣ ва сиёсии ин давра Маҳмуди Тарзӣ (1866-1933) ба шумор меравад.

Бинобар ин, чунон ки пажӯҳишгарони адабиёти муосири дарӣ зуҳури намунаҳои назму насри навини дариро аз чопи ҳамин рӯзнома мешуморанд, муҳаққиқони шохаи ҳаҷвнигорӣ низ нишонаҳои аввалини онро дар саҳифаҳои “Сироҷ- ул- ахбор” меҷӯянд.

Албатта ин намунаву нишонаҳо аз мафҳуму маънои танзу ҳаҷвнигорӣ ба маънои имрӯзии он хеле дуранд, вале баъзе мазмуну порчаҳои рамзомезу киноядор гувоҳи он буд, ки ин навъи адабӣ низ мехоҳад ҷои худро дар адабиёти замони нави дарӣ пайдо кунад.

Маҳмуди Тарзӣ, ки падари журнализм ва аз раҳкушоёни шеваи ҷадид дар назму насри дарӣ шинохта шудааст, зоҳиран дар танзу ҳаҷвиёти он низ пешқадам аст.

Масалан, ба андешаи Манижа Бохтарӣ “Маҳмуди Тарзӣ нахустин касонест, ки гоҳе ба масоили сиёсӣ ва иҷтимоӣ рӯйкарди танзомез дошта аст”.

Бо илҳом таҷаддудхони ин солҳо мақолот ва шеърҳои интиқодӣ ва ба истилоҳ бедоркунандаи ҳаҷвомези иҷтимоӣ аз ҳамкорони ин рӯзнома чун Адбураҳмони Лудин (Кибрит), Абдулҳодии Довӣ (Парешон) ва Абдуалии Мустағнӣ чоп мешуд.

Аз Абдураҳмони Лудин:

...Карданд хоинони ҷафокеши бефурӯғ,
Оқоии замона ҳама бахри худ фурӯғ,
Ҷаҳлу нифоқу бехабарӣ, ғафлату дурӯғ,
Андохта ба гардани мо ҳалқае чу юғ,
Гӯянд дар итоати мо гову хар шавед...

***

Ҳар як нишастааст ба зин чун талак,

К-аш нест ғам зи миллату парвош аз малак,

Бо сад ғуруру кибр ҳаметозад аспи дак

Кас нест то ба синаи эшон кунад шалак,

Хуб, эй харон чаред, то чоқтар шавед...

Аз Абдулҳодии Довӣ:

То чанд азизон, ҳама бедору ту ғофил,

Дар кори ҷаҳон оқилу ҳушёру ту ғофил...

Бедору ғаюр ин ҳама корогаҳу воқиф,

Ту дангу, ту бенангу, ту беору ту ғофил...

Амонуллохон, ки пас аз кушта шудани падараш амир Ҳабибуллохон (1919) ба қудрат расид, пас аз эълони истиқлолияти кишвар (1919) ислоҳоти густурдаеро дар ҳама арсаҳои ҳаёти моддӣ ва маънавии кишвар оғоз намуд. Дар партави ин истилоҳот дар заминаи фарҳангу адаб ва табъу нашру матбуот таҳаввулоти ҷиддие ба вуқуъ пайваст, то ҷое ки давраи ӯро (1919-1929) давраи шукуфоии матбуот, адабиёт ва матбуот меноманд.

Аз миёни рӯзномаҳои зиёди давраи Амонуллохон нашрияи "Анис" (апрели 1927) бо мудирияти рӯзноманигори ботаҷрибаи касбӣ Ғулом Муҳиддини Анис аз ҷиҳати шаклу мазмун шуҳрати бештар ёфт. Яке аз мавзуъҳои дӯстдоштаи "Анис" танзу ҳаҷвиёт буда, сутуни махсуси "латоиф ва факоҳиёт" дошт.

Фазои нарми фарҳангӣ ва шӯру шавқи навсозии ин давра шароити хубе барои шоирону нависандагони навсарову навҷӯ фароҳам оварда буд. Дар паҳлуи ашъори иҷтимоӣ дар расонаҳои ин солҳо ашъори ҳазливу ҳаҷвии ду тан аз суханварони тавонои адабиёти муосири дарӣ Ҳоҷӣ Исмоили Сиёҳ машҳур бо тахаллуси Гузук (1862-

1946) ва Шоиқ Ҷамол (1902-1974) ба таври пароканда ба чоп мерасиданд.

Бояд гуфт, ки ин ду шоир дар ҳаҷвсарои̣ шеваҳои гуногун доштанд. Ҳоҷӣ Исмоили Сиёҳ аз базлагӯён ва танзпардозоне буд, ки дар заминаи ҳазлу ҳаҷвиёт осори муҳимме ба ҷо гузоштааст.

Ӯ мисли Убайди Зоконӣ, ё Сӯзании Самарқандӣ дар ашъор ва дафтари “Мутоибот”-и худ аз бепардаву урёнгӯӣ, суханони шармовар ва корбурди вожагони гуфторӣ ва омиёна парҳез накардааст.

Чанд намуна:

Халқ пиндорад, ки андар фикри тадрисем мо,
В-аз заифӣ ҳар яке борик мересем мо.
Ҷаври дузд аз як тараф, ҷаври асос аз як тараф,
Ҳастӣ аз даст рафт андар фикри таъсисем мо...
Ҳокиму қозӣ зи Кобул ояду алоқадор,
Ҳаққи рафъат нест бар моён, магар песем мо?
Нозир аз вай, шотир аз вай, хонасомон ҳам аз ӯ,
Мехӯранд аз пешу аз пас коса мелесем мо.
Саъйҳо кардем акнун барқи мо чолон[1] нашуд,
Лофро бингар, ки ҳамбозии Порисем мо.
Олами кавнем[2], аммо номи худ кардем кун,
Ғайри Гузук кас намедонад, ки таҷнисем[3] мо.

Аз Мутоибот:

[1] Чолон - равшан
[2] Кавн – ҳастӣ ва олами вуҷуд
[3] Таҷнис – ҳамҷинс кардан

“Як зани пири кухансол ба Ҳоҷӣ пайғом дод, ки дандонам бо шиддат дард мекунад. Агар давои муҷаррабе бифармоед, ки қадре ором шавад.

Ҳоҷӣ гуфт: Аз ин ки даво бидиҳам ва дандони шумо сиҳат ёбад, ба фикрам беҳтар аст ҳамин тавр дард кунад, то мардум бидонанд, ки шумо ҳанӯз дандон доред”.

“Аз Ҳоҷӣ пурсиданд, ки фалсафаи тахаллуси шумо чист? Ҳоҷӣ гуфт:

Вақте овозаи тахаллусам ба хориҷ меравад, мардуми дунё хоҳанд гуфт: Гузуки Афғонистон, ки ин аст, соҳибнафаси он чӣ хоҳад буд”.

Шоири ширинсухани латифтабъ Шоиқ Ҷамол (1902-1974) бо забони содаи ҳамафаҳм ва истилоҳоти навомад танзҳои хафифу зарифи ҳаҷвӣ ва иҷтимоӣ сурудааст:

Он шӯх бевафо буд, аммо ба кас нагӯед,
Бо ғайр ошно буд, аммо ба кас нагӯед...
Роҷеъ ба ӯ шунидам аз ҳар тараф суханҳо,
Он ҷумлагӣ ба ҷо буд, аммо ба кас нагӯед.
Моҳе, ки рӯи худро з-оина дошт пинҳон,
Имшаб ба синамо буд, аммо ба кас нагӯед.
Онро, ки дар фалон деҳ бо хонуме гирифтанд,
Дар шаҳр порсо буд, аммо ба кас нагӯед.
Хушкардаи модар, эй дӯстон арӯсам,
Бисёр баднамо буд, аммо ба кас нагӯед...

Аз ин шоири латифтабъ ҳазлу мутоиботе низ дар китобҳо оварда шудааст. Аз ҷумла:

Рӯзе яке дӯстонаш Сӯфӣ Ашқарӣ дар назди ӯ шеъри худро мехонад, ки дар он аз духтуре шикоят карда, ӯро “байтор” меномад. Шоиқ Ҷамоли шӯхтабъ мегӯяд:

“Сӯфисоҳиб, гуноҳи доктари бечора нест. Зеро доктар маъмулан аз мариз мепурсад, ки номи муборак чист? Чун аз шумо номатонро пурсид, шумо гуфтед Ашқарӣ (Ашқар номи аспи Амирҳамзаи соҳибқирон аст, дар достонҳои халқӣ), лизо ӯ давои аспро барои ҷаноби шумо фармоиш дод”.

Пас аз суқути Амонуллохон (1929), ҳукумати нӯҳмоҳаи Ҳабибуллои Калаканӣ (Бачаи Сақо), фармонравоии Муҳаммад Нодиршоҳ (1930-1933) ва пас аз кушта шудани вай подшоҳии писараш Муҳаммад Зоҳиршоҳи ҷавон дар арсаи ҳаҷвнигорӣ ҳеҷгуна тағйиру дигаргунӣ ба вуҷуд наомад ва он дар ҳамон сатҳи корҳои завқии саргармкунандаи мардумписанд боқӣ монд.

Баъди ба истеъфоъ рондани Ҳошимхон (1946) аз фишору таъқибот нисбати аҳли қаламу равшанфикрон камтар шуд. Дар натиҷа тайи солҳои 1950-ум рушду пешрафтҳое дар соҳаи фарҳангу адаб, махсусан дар заминаи шеъру шоирӣ падид омад ва ҳаҷви манзум дар театр роҳ ёфт.

Дар ҳамин солҳо нахустин рӯзномаи махсуси ҳаҷв дар таърихи адабиёти Афғонистон бо номи “Тарҷумон” (апрели 1968), ва аввалин маҷаллаи ҳаҷвӣ бо номи “Шӯхак” (декабри 1970), нашр шуда ва минбару майдоне барои ҳаҷвсароёну танзнависон пайдо шуд.

Ин ду нашрия ба зудӣ маркази таҷамуи шоиру нависандагон ҳаҷвписанд табдил шуданд ва ҳаҷвпардозони шинохтаи солҳои баъдӣ чун Ҷалоли Нуронӣ, Носир Аҳмади Нишот, Пойизи Ҳанифӣ,

Абдукарими Таманно, Азизи Мухтор Юсуф Захими Бадахшӣ, Ғуломсахии Росих ва теъдоди зиёде аз ҳаҷвсароёни бо истеъдоди он солҳо бо ин ду нашрия ҳамкорӣ доштанд.

Аммо ин фазои нарми “демукросии ҷавон” пас аз кудатои соли 1973, эълони ҷумҳурият ва ба раёсату садорат расидани Муҳаммад Довуд тира гардид. Ба қавли Манижа Бохтарӣ “Довудхон аз афроде набуд, ки интиқод, ё шӯхиро бипазирад” Иҷозатномаҳои расонаҳои ғайридавлатӣ қатъ гардид, “дигар забонҳо баста ва қаламҳо шикаста шуд” ва муҳаққиқон сипас ин солҳоро (1973-1977) давраи хомӯшии ҳаҷву танзпардозӣ номиданд.

Дар давраи ҳукумати Ҳизби демократии халқи Афғонистон махсусан солҳои 1979-1989 ки онро давраи авҷи адабиёти ормонгаро ва воқеагаро мегӯянд, адабиёт зери чатри идеология қарор гирифт ва ҳаҷвсароён бештар ба танзи иҷтимоӣ рӯй оварданд.

Солҳои 90-уми асри гузашта, ки ба сабаби ҷангҳои даҳшатноки дохилӣ “даҳҳаи хунин”, “даҳҳаи ҷангҳои кӯча ба кӯча” номида шудааст, заминае барои рӯишу сабзиши танзу шӯхтабъӣ дар дохили кишвар обод намонд ва аксарияти шоирону нависандагон ва адибон ногузир тарки ватан карда, теъдоди муҳоҷирини иҷбории ҷаҳонро афзоиш доданд.

Тайи асри гузашта, бо ҳама беравнақӣ дар мазмуну муҳтаво, нақду назария ва системаи вожагони ҳаҷвиёт низ баъзе дигаргуниҳо ба амал омадааст. Ба он андешаҳо, шаклу қолабҳои нав ва бисёр луғоту истилоҳоти тоза аз забонҳои аврупоӣ афзуда шудааст, аз қабили (ба талафузи русӣ) пародия, юмор, сатира, эпиграмма, сарказм, фелетон, комедия, роман ва ғайра.

Мутобиқи анъаноти дерин имрӯз ҳам дар адабиёти дарӣ бисёр шоиру нависандаро метавон пайдо кард, ки дар осори хеш аз ин сарчашма ба навъе баҳра бурдаанд.

Масалан Манижа Бохтарӣ дар китоби худ, ном ва шарҳи ҳоли 62 шоиру нависанда ва "кортунист"-ҳои шинохтаи кишварро овардааст, ки баъзеҳо камтару гоҳ-гоҳ ва иддае бештару касбӣ дар ин риштаи адабиёти муосири дарӣ қаламфарсоӣ кардаанд. Аз ҷумла: Ҳоҷӣ Исмоил Сиёҳ, Шоиқ Ҷамол, Абдуғафури Брешно, Алиасғар Башири Ҳиравӣ, доктор Навин, Пойизи Ҳанифӣ, Ҷалоли Нуронӣ, Насир Аҳмади Нишот, Амонуллоҳи Ашкрез, Ҳоруни Юсуфӣ, Партави Нодирӣ, Саид Абдулқодири Раҳимӣ, Кока Тайғун, Масъуда Хазон, Эҳсонуллоҳ Салом, Шафақи Паём, Муҳаммади Навобӣ ва дигарон.

Вале гумон аст, ки теъдоди ҳаҷвнигорони воқеӣ хеле камтар аз феҳристи боло мебошад.

Мо бидуни ворид шудан ба ин баҳси хоси фаннӣ, яъне ба жанрҳо ҷудо кардани ин ҳаҷвиёт баъзе хулосаҳои дурусти илмӣ ва шоёни қабулро дар бораи саргузашти ин жанр дар садаи гузашта ёдоварӣ мекунем:

1. Хати сайри ин навъи адабӣ дар ин аср, бо вуҷуди он ки солҳои 1960-1980 авҷҳое доштааст, аммо ҳамеша ҳамвору яксон ва рӯ ба инкишоф набудааст.

2. Танзу ҳаҷвнигорӣ мисли шеъру достоннависии муосир такомулу пешрафт ва шуҳрату боландагӣ надорад.

3. Бино ба моҳияти интиқодӣ-сиёсии ҳаҷв, ки вокунишест дар баробари зулму истибдод ҳаҷвнависон бештар аз дигар шохаҳои адабиёти муосир зери назорату муроқибати сензураи вақт қарор

гирифтааст. Ин фишору таъқибот табиист, ки заминаҳои рушду инкишофи танзро хушку камҳосил гардонида аст.

4. Норасоии маълумоти илмӣ ва камошноии баъзе танзнависон бо асосоти назарияи ин жанр, саҳлангориву соданигорӣ, омезиши шеваҳо ва навъҳои гуногун чун ҳаҷву танз, ҳазлу шӯхӣ, мутоиботу ғайра, забони хом ва гоҳе фурӯдомада дар кӯчаву паскӯчаҳои забони омма аз дигар айбу нуқсоне мебошанд, ки дар осори танзнависони ин давра мушоҳида шудааст.

5. Бино бар ин ва баъзе қазоватҳои таассубомези "анъанавӣ", ҳаҷв ҳеҷ гоҳ дар ин аср ба сифати як гунаи адабӣ пазируфта нашудааст ва муаллифони он ба қавли муҳаққиқон ба ҳайси шоиру нависандагони "дараҷачандум", ҳатто баъзан ашхоси масхара, ҳарзагӯ ва ҳиҷосаро ба шумор рафтаанд.

Чанд намуна аз ҳаҷвиёти шоиру нависандагони ин давра, дар шаклу қолабҳои гуногун. Аз Наҷибуллоҳ Огоҳ:

**Қозӣ**

Бе ришвату бе восита коре нашавад,
Бе заҳмату чоплусӣ, оре нашавад.
Дар дафтари қозӣ биравӣ як-ду ҳазор,
Дар кунҷаки мизаш нагузорӣ нашавад!

**Семинор**

Дидам, ки ҳаёҳуй ба ҳар давру бар аст,
Ҳар гӯша дусад мутару сесад нафар аст.
Гуфтам чӣ хабар ҳаст дар ин маҳвата боз,
Гуфтанд "семинори ҳуқуқи башар" аст.

Аз Масъуда Хазон:

Кулоҳ: Он чи фарҳангиён дар сари мардум мегузоранд ва сиёсатмадорон аз сари мардум бармедоранд.

Ҳуқуқи зан: Ҳаққе, ки барои занони дигарон иддао дорем.

Демукросӣ: Тақвияти ҳанҷара.

Шеъри сапед. Ба пиндошти бархеҳо шеъре, ки бо каллаи сапед, мағзи сапед, коғази сапед ва қалами бо ранги сапед гуфта мешавад.

Либос: Шахсе, ки дар паноҳи он қадам мезанем.

Шоир: Касе, ки пас аз шинохти қофия мехоҳад ҳамаи ҷомеа бо ӯ ҳамқофия шавад...

Падар: Шахсе, ки ба хотири лағзишҳои фарзандонаш ҳар рӯз барояш лаънат фиристода мешавад".

Аз Эҳсонуллоҳ Салом:

"Шахсе баъд аз гузашти солҳо дӯсти гумшудаашро ёфт. Пас аз пурсу поли[1] таърихӣ ва рехтани чанд қатра ашки шодӣ, аз ӯ пурсид: "Хуб, нагуфтӣ чӣ кор мекунӣ, ҳунар ва маслакат чист?"

Дӯсташ гуфт: "Нависандаам".

Пурсид: "То ҳол чизе фурӯхтаӣ?"

Гуфт: "Бале, хона, фарш, зуруф, кампютар ва китобҳоямро!"

Аз Кока Тайғун (номи мустаор):

"Саранҷом далели ин ки чаро сиёсатмадорони мо алоқаи зиёде ба навиштани хотироти худ доранд, тавасути Кока Тайғун кашф гардид: Чун ин бузургон тавон ва қобилияти тағйир додани ҳол ва ояндаро надоранд, мехоҳанд лоақал гузаштаро тағйир бидиҳанд"

Аз Аҳмадзиё Кушо:

---

[1] Полидан – ҷустан, кофтан

“Каллааш азбас холӣ буд, вақте дар об ғарқ шуд, сараш аз об берун монда, наҷот ёфт.

Аз Эҳсонуллоҳ Салом:

“Гуфтам. Чӣ вақт дар кишвари мо сулҳ хоҳад омад?

Гуфт: Ҳар вақте, ки аз ҷанг безор шудем.

Гуфтам: Оё гурӯҳҳо ва созмонҳои афғонӣ бо ҳам иттифоқ хоҳанд кард?

Гуфт: Бале, ҳама иттифоқ карданд, ки иттифоқ накунанд.

Гуфтам: Дар робита ба камбуди маводи ғизоӣ дар кишвар чӣ тадбирҳое итихоз гардидааст?

Гуфт: Ба мардум тавсия шудааст, то режими ғизоиро ҷиддан муроот намоянд.

Гуфтам: Масоили марбут ба ободиҳои шаҳрҳои Афғонистон чӣ тавр хоҳад шуд?

Гуфт: Марҳилаи аввали кор, яъне ҳамворсозӣ тамом шудааст. Марҳилаи дувум, ки бозсозии кишвар аст, то ҳанӯз маълум нест”

Аз доктор Зоҳири Аюбӣ:

-Маҳмудшоҳи бурутиро нисбати нолоиқӣ аз вазифаи устоди фокулта бартараф карданд. Ҳоло ӯ чӣ кор мекунад?

-Ҳоло мудири илмии фокулта аст.

-Оё корти узвияти ҳизб наздатон ҳаст?

-Аз кадомаш?”

**Қодиров Ғиёсиддин,**

ходими пешбари илмии

шуъбаи Шарқи Миёна ва Наздик

**Сарчашмаҳои иқтибосшуда**

1. Минбаъд: М. Бохтарӣ, Нешханду нӯшханд.
2. Абдулҳай Ҳабибӣ. Ҷунбиши машрута дар Афғонистон, Кобул, 1363- с. 4.
3. Ҳусайни Ноил. Сайре дар адабиёти садаи Х111 ҳиҷрӣ. Маҷ. Хуросон, №2, Кобул, 1363.
4. Парвини Сино. Шоирони дарипардози садаи Х11 ҳиҷрии Афғонистон, маҷ. Хуросон, Кобул, 1363.
5. М. Бохтарӣ. Нешханду нӯшханд, с. 177.
6. Ниг: Ҳакими Бохтарӣ (Қурбонов). Озодаи Ҳиравӣ, Кобул, 2010, - с. 323.
7. Нилоби Раҳимӣ. Шарҳи ҳол ва таҳлили ашъори Сӯфӣ Ашқарӣ, Кобул, 1357,- с.24.